*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН • НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 03 (651),
22 январи
соли 2026

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

# ТАЪИНОТИ КАДРӢ



**16 январ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сохторҳои Вазорати мудофиа, Гвардияи миллӣ, Қушунҳои сарҳадӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия як қатор тағйироти кадрӣ анҷом доданд.**

Ба вазифаи муовини якуми сардори Муассисаи давлатии “Мададгори мудофиа”-и Вазорати мудофиа ва вазифаҳои роҳбарӣ дар дастгоҳи марказии Вазорати мудофиа ва Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, Қушунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия ва ҳайати фармондеҳии ҷузъу томҳои низомии сохторҳои қудратии мазкур кадрҳои ҷавону варзида, дорои тахассуси олӣ ва далеру ватандӯст таъин гардиданд.

Ҳамчунин, ба вазифаи комиссарони ҳарбии шаҳру ноҳияҳои Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Данғара, Вахш, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон ва Шаҳристон кадрҳои таҷрибадори ин соҳа таъин карда шуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ва суҳбат ҳолати омодагии Қувваҳои Мусаллаҳ, воҳидҳои низомӣ ва сохторҳои дигари номбурдаро дар робита ба авзои минтақа ва ҷаҳон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар назди ҳар яке аз ин ниҳодҳои низомӣ ва ҳифзу таъмини сулҳу оромӣ вазифаҳои муайян гузоштанд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба тақвияти ҳифзи сарҳади давлатӣ ва пешгирӣ аз ҳар гуна сарҳадшиканӣ, бахусус сарҳадшикании мусаллаҳона ва қочоқи аслиҳаю маводи мухаддир, таҳкими омодагии доимии Қувваҳои Мусаллаҳ, забономӯзӣ, аз худ кардан ва истифодаи лавозимоти техникаи муосири ҷангӣ, гузаронидани машқу тамринҳои пайваста то истифода аз имконоти таҷҳизоти идорашавандаи фосилавӣ ва риояи қонунияту оинномаҳои соҳавӣ зоҳир карда шуд.

Таъкид гардид, ки муносибат бо сарбозону кормандон бояд мисли муомила миёни аъзои оила бошад, то ки эҳсоси дӯстиву бародарию ҳамдигарфаҳмӣ байни хизматчиёни ҳарбӣ ва роҳбарони воҳидҳои низомӣ устувор гардад.

Дастуру тавсияҳои дигар доир ба иҷрои босифати масъулиятҳо дар ҳар яке аз сохторҳои номбурда дода шуд.

www.prezident.tj



ҲИЗБИЁНИ КӮЛОБ СОЛИ 2025-РО БО... - саҳ. 2



ҶАЛАСАИ ШУРОИ ВИЛОЯТИИ... - саҳ. 3



НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ СОЛОНА... - саҳ. 4



КИШТИ БАРВАҚТӢ ВА ИСТИФОДАИ... - саҳ. 7

# ҲИЗБИЁНИ КӮЛОБ СОЛИ 2025-РО БО ДАСТОВАРДҲОИ НАЗАРРАС ҶАМЪБАСТ КАРДАНД

**16 январ, дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳр дар соли 2025 ва муайян намудани вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда маҷлис баргузор гардид.**



Дар маҷлис Маликшо Неъматзода, муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Диловар Пирзода, иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри




Кӯлоб, Салим Сайвализода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр, вакилон, роҳбарони ташкилотҳои ибтидоӣ ва аъзои ТҶҶ “Созандагони Ватан” иштирок намуданд.

Мавриди зикр аст, ки пеш аз оғози маҷлис ҳайати меҳмонон дар назди муҷассамаи "Дуои Модар" гул гузошта, ҳамзамон бо собиқадорони ҳизбӣ мулоқоти самимӣ анҷом дода, ба онҳо тухфаҳои хотиравӣ тақдим намуданд.

Рӯзномаи маҷлис аз ҳафт масъала, яъне гузориши раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб оид ба ҷамъбасти фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда, гузориши роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб оид ба фаъолияти Гурӯҳи вакилӣ дар соли 2025, тасдиқи нақшаи кории Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ барои соли 2026, тасдиқи нақшаи кории Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб барои нимсолаи якуми соли 2026, тасдиқи нақшаи чорабиниҳои вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 16 декабри соли 2025, тасдиқи нақша - чорабиниҳо оид ба роҳандозии корҳои созандагиву ободонӣ дар доираи эълон гардидани соли 2026 - “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ” ва масъалаҳои ҷорӣ иборат буд.

Салим Сайвализода маҷлисро ифтитоҳ намуда, иштирокчиёнро бо масъалаҳои рӯзномаи маҷлис шинос карда, оид ба натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр дар соли 2025 маърӯза намуд.

Дар гузориш зикр гардид, ки то охири соли 2025 шумораи аъзои ҳизб дар шаҳр ба 14 ҳазору 635 нафар расида, онҳо дар 258 ташкилоти ибтидоӣ муттаҳид шудаанд. Ҳамчунин, дар давраи ҳисоботӣ 4 адад ташкилоти ибтидоии нави ҳизбӣ таъсис дода шудааст. Иттилоъ дода шуд, ки ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» миёни ташкилотҳои ибтидоӣ, аъзову ҷонибдорони ҲХДТ роҳандозӣ гардида, дар доираи ин ташаббус ҳамарӯза корҳои ободониву созандагӣ анҷом дода мешаванд.

Дар идома Маликшо Неъматзода, муовини якуми Раиси ҲХДТ вобаста ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша намуда, таъкид кард, ки Паём ҳамчун санади муҳими стратегӣ самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии кишварро муайян намуда, барои таъмини зиндагии шоистаи мардум, таҳкими давлатдорӣ ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Мавсуф саҳми ҳизбиёни шаҳри Кӯлобро дар татбиқи ҳадафҳои барномавии ҳизб дар давраи ҳисоботӣ муҳим арзёбӣ намуда, ба онҳо изҳори сипос кард.

Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб ҳозиринро бо оғози Соли нави 2026 шодбош гуфта, қайд намуд, ки соли 2025 барои ҳизбиёни вилояти Хатлон соли фаромӯшнашаванда ва хотирмон буд. Ёдовар бояд шуд, ки фаъолияти Кумитаи иҷроия дар шаҳри Кӯлоб дар татбиқи ҳадафҳои оинномавӣ ва барномавии ҲХДТ назаррас арзёбӣ мешавад.

Диловар Пирзода, иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Кӯлоб, Шоҳинов Ҳасан, Сафарзода Файзалӣ ва Шарифзода Одинамо, фаъолони ҲХДТ вобаста ба фаъолияти Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб дар соли 2025 баромад намуда, изҳор доштанд, ки Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб дар баланд бардоштани маърифати сиёсии ҷавонон, истифодаи самараноки шабакаҳои иҷтимоӣ, ташаббусҳои вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳр ва вилоят дар рушди инфрасохтори шаҳр ва баланд бардоштани маърифати оиладории занону модарон, инчунин ҷалби шаҳрвандон ба корҳои созандагию ободкорӣ саҳми назаррас гузоштааст. Фаъолияти Кумитаи иҷроияро дар давраи ҳисоботӣ қаноатбахш арзёбӣ намуданд.

Дар анҷоми маҷлис аз рӯи масъалаҳои баррасигардида қарорҳои дахлдор қабул шуда, ба чанде аз фаъолони ҳизбӣ медалҳои ҷашнии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тақдим гардид.

Ҳамзамон, ғолибони озмунҳои ҳизбӣ дар номинатсияҳои «Ташкилоти ибтидоии ҳизбии беҳтарин (бо 100 аъзо ва бештар аз он)», «Беҳтарин вакилони вилоятӣ» ва «Беҳтарин вакилони шаҳри Кӯлоб» бо диплом ва тухфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

Бояд қайд кард, ки пас аз анҷоми маҷлис дар Ҷамоати деҳоти Зиракии шаҳри Кӯлоб ҳайати меҳмонон дар якҷоягӣ бо сокинон дар маъракаи ниҳолшинонӣ иштирок намуда, саҳми хешро дар сабзу хуррамгардонии як гӯшаи диёр гузоштанд.



**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**“Ҳамрози халқ”**

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ ВИЛОЯТИИ МУТОБИҚСОЗИЮ МЕТОДӢ ОИД БА ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН ДАР НАЗДИ РАИСИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



**21 январ, дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон таҳти раёсати раиси вилоят Давлаталӣ Саид ҷаласаи Шурои вилоятии мутобиқсозию методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар назди раиси вилоят баргузор гардид.**

Дар кори ҷаласа аъзои Шуро, муовини якум, муовини роҳбари дастгоҳи раиси вилоят ва намояндагони ВАО ширкат варзиданд.

Нахуст, котиби масъули Шуро, сардори Раёсати адлияи вилояти Хатлон Чиллазода Шараф суханронӣ намуда, оид ба корҳои анҷомдодашуда тибқи нақшаи кории Шуро барои соли 2025, дастрасии матни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дод.

Раиси вилоят Давлаталӣ Саид зимни суханронӣ таъкид намуданд, ки дар ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва саводнокии ҳуқуқии насли наврас нақши кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони мақомоти дигари давлатӣ, бахусус кормандони ВАО муҳим мебошад. Мувофиқи рӯзномаи ҷаласаи Шуро прокурори вилояти Хатлон Зоирзода Икром Оймаҳмад оид ба мавзуи "Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии истеъмолкунандагон ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқии онҳо", сардорони раёсатҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар Аваззода Шараф Тавар ва дар минтақаи Кӯлоб Аҳмадзода Музаффар Раҷаб дар мавзуи "Ташкил ва баргузории чорабиниҳо вобаста ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта", сардори раёсати Агентии назорати маводи нашъаовар дар вилоят Ҳикматзода Иззатулло Ҳикмат дар мавзуи "Рафти гузаронидани чорабиниҳо дар самти пешгирии нашъамандӣ ва оқибатҳои суиистеъмоли он" ва раиси суди вилояти Хатлон Расулзода Нуриддин Ғаффор дар мавзуи "Ташкил ва гузаронидани воҳӯриҳо дар коллективҳои меҳнатӣ ва аҳолӣ вобаста ба баҳсҳои судии рӯзмарра" суханронӣ намуданд.

Сипас, нақшаи кории Шурои вилоятии мутобиқсозию методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар назди раиси вилояти Хатлон барои соли 2026 ва нақшаи вобастнамоии аъзои Шуро, роҳбарони ҳифзи ҳуқуқ ва дигар масъулин ба шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба тақвият бахшидан ба корҳои омодагӣ ба даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ тасдиқ гардиданд.

Аз тарафи раиси вилоят дастур дода шуд, ки бо ин мақсад бо аҳолӣ, алалхусус бо гурӯҳҳои осебпазир, ноболиғон, ҷавонон, муҳоҷирон, ходимони дин ва донишҷӯён дар мавзуъҳои мухталифи ҳуқуқӣ воҳӯриҳо бештар ба роҳ монда шавад.

Пас аз баррасии ҳисоботҳо, раиси вилоят Давлаталӣ Саид дар назди аъзои Шуро вазифаҳо гузоштанд, ки оид ба таъмини волоияти қонун ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи амният, субботу оромии ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, тақвият ёфтани тарбияи ҳарбиватандӯстию меҳанпарастии ҷавонон, баланд бардоштани тахассус ва масъулияти кормандони соҳаи маориф, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дигар сохторҳои масъули тарбияи идеологӣ, омодагии ҳамаҷониба ба даъвати баҳорӣ, пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо, кирдорҳои коррупсионӣ, ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта, нашъамандӣ, инъикоси ҳаёти сарбозони Артиши миллӣ дар ВАО, тақвияти чорабиниҳои фардии "Хона ба хона", дониши молиявии мардум, саводнокии иттилоотӣ ва ғайра тадбирҳои натиҷабахш андешанд.

Аъзои Шурои вилоятӣ вазифадор карда шуданд, ки иҷрои дастуру супоришҳои протоколҳои ҷаласаҳои Шуро ва бандҳои дахлдори Нақшаи кории Шуроро аз болои зерсохторҳои худ зери назорат ва корбарии ҳамаҷониба қарор диҳанд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# МАҶЛИСИ ҶАМЪБАСТӢ ДАР ШАҲРИ НОРАК

**Дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда маҷлис доир гардид.**

Дар маҷлис Абдуллозода Умеда Бекмурод, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Мирзозода Иброҳим Холмурод, узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, раиси шаҳри Норак ва Асозода Савлатмоҳ Сайфулло, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак, фаъолон ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок доштанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки пеш аз оғози маҷлис ҳайати меҳмонон дар доираи соли 2026 ҳамчун "Соли вусъат додани корҳои ободонию созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" дар маҳаллаи Энергетикаи шаҳри Норак бо манзилҳои истиқоматии ду оилаи эҳтиёҷманд Амиршоев Таваралӣ ва Норкулова Раъно, ки хонаҳояшон ба таъмир ниёз доштанд шинос шуда, ба онҳо лавозимотҳои зарурии сохтмонӣ дастрас намуданд.

Сипас, маҷлисро Асозода Савлатмоҳ, раиси Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб оғоз намуда, аз рӯи масъалаи якум баромад намуд.

Зикр гардид, ки Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак дар пешрафти ҳаёти сиёсии ҷомеа саҳми сазовор гузошта, бахри мустаҳкам намудани эътибори шоистаи ҲХДТ ҳамарӯза талош меварзад.

Аз рӯйи масъалаи дуюми рӯзнома оид ба фаъолияти Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи шаҳр дар соли 2025 роҳбари Гурӯҳи вакилӣ Файзалова Гулрухсор гузориш пешниҳод намуд.

Мирзозода Иброҳим Холмурод, раиси шаҳр аз фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак дар соли 2025 натиҷагирӣ карда, ба масъулин, инчунин раисони ташкилотҳои ибтидоӣ, фаъолон ҷиҳати ҷоннок намудани фаъолияти ҳизбӣ, вусъатбахшии корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ миёни ҷавонону наврасон ва дар замири онҳо бедор кардани ҳисси худогоҳиву хештаншиносӣ, нақши ҲХДТ ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа ибрози андеша намуд.

Дар идома, Абдуллозода Умеда Бекмурод, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон иброз дошт, ки воқеан ҲХДТ дар тӯли фаъолияти худ тавонист, ҷомеаи Тоҷикистонро ба сӯи созандагиву бунёдкорӣ ҳидоят намуда, бахри таъмини зиндагии шоистаи мардум иқдомоти наҷибу шоистаеро рӯйи кор оварад.




Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб қайд кард, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон-зодаи даврони соҳибистиқлол маҳсуб ёфта, рисолат ва масъулияти гарони сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, созандагиву ободкориро бар дӯш дорад. Ҳамчунин барои саривақт иҷро намудани нақшаи обуна ба нашрияҳои ҳизбии "Минбари халқ" ва "Ҳамрози халқ" дар соли 2026 ба раисони ташкилотҳои ибтидоӣ ва масъулини шаҳр изҳори миннатдорӣ намуд. Ҳамчунин, мавсуф қайд кард, ки Паёмҳои ҳарсолаи Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири тамоми самтҳои фаъолияти ҷомеа ва давлат ба ҳисоб рафта, аз Паём то Паём ин санади муҳим ҳамчун роҳнамоии тамоми қишрҳои ҷомеа ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои ба рушди мамлакат равонагардида хизмат мерасонад.

Ҳаминтавр вобаста ба масъалаҳои баррасигардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шуд. Дар фарҷом, як қатор фаъолон барои саҳмгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои оиннома ва барномаи ҲХДТ бо Сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак сарфароз гардонида шуданд.

**"Ҳамрози халқ"**

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ СОЛОНА

**Дар Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара маҷлиси ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда баргузор гардид.**



Дар маҷлис Абдуллозода Умеда Бекмурод, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Саломзода Сиҷоуддин, раиси ноҳияи Данғара, Сайдализода Садриддин Достӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб, фаъолон, раисони ташкилотҳои ибтидоӣ, аъзои ТҶҶ "Созандагони Ватан", собиқадорони ҳизбу меҳнат ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок намуданд.

Нахуст, маҷлисро Сайдализода Садриддин Достӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия оғоз намуда, иштирокдоронро бо рӯзномаи маҷлис шинос намуд.

Рӯзномаи маҷлис аз 7 масъала, яъне гузориши раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара оид ба ҷамъбасти фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда, гузориши роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Данғара оид ба фаъолияти Гурӯҳи вакилӣ дар соли 2025, тасдиқи нақшаи кории Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ барои соли 2026, тасдиқи нақшаи кории Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара барои нимсолаи якуми соли 2026, тасдиқи нақшаи чорабиниҳои вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025, тасдиқи нақша - чорабиниҳо оид ба роҳандозии корҳои созандагиву ободонӣ дар доираи эълон гардидани соли 2026 - "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" ва масъалаҳои ҷорӣ иборат буд.

Аз рӯи масъалаи якум гузориши Сайдализода Садриддин Достӣ шунида шуд. Зикр гардид, ки Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб дар соли сипаригардида ҷиҳати тарғибу ташвиқи Паёми Сарвари давлат, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, пешгирии равандҳои ифротгаро, суҳбату вохӯриҳо бо усули "Хона ба хона", "Деҳа ба деҳа", ҷалби ҷавонон ба китобхонӣ, варзиш ва хизмати ҳарбӣ, дастгирии оилаҳои ниёзманд ва маъюб, дидорбинии собиқадорони ҳизбӣ як қатор аксияву ҳамоишҳо, мизҳои мудаввару конфронсҳо, ҷаласаву мулоқотҳои тарғиботиро роҳандозӣ намудааст.

Сипас, Хайруллозода Саъдулло, раиси ташкилоти ибтидоии "Маорифчиён" ба музокира баромада, вобаста ба фаъолият ва дастовардҳои ташкилоти ибтидоӣ дар соли 2025 ибрози андеша намуда, фаъолияти Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизбро дар давраи ҳисоботӣ қаноатбахш арзёбӣ намуд.

Саломзода Сиҷоуддин, раиси ноҳия аз ҳамкориҳои судманди Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ёдовар шуда, нақши ҳизбро дар эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ калидӣ арзёбӣ намуд.

Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон иброз дошт, ки Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди фаъолият дар самтҳои таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисодиву саноат, энергетика, кишоварзӣ, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, ҷавонон ва дигар соҳаҳои давлатдорӣ вазифаҳои мушаххас гузошта, дар шумори чанд рӯйдоди таърихӣ - баргузории интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалли пурраи масъалаҳои сарҳадии беш аз сад соли охир ҳалнашудаи байни ду давлат-Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, Эъломияи Хуҷанд дар бораи дӯстии абадӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Узбекистон ва Қирғизистонро аз дастовардҳои назаррас ва муҳими таърихӣ баён намуданд.

Ҳамчунин, дар идома Абдуллозода Умеда Бекмурод, муовини Раиси ҲХДТ вобаста ба масъалаҳои рушди иқтисоди миллӣ, дастгирии соҳибкорӣ, баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, тарбияи дурусти наврасону ҷавонон, риояи талаботи қонунҳои амалкунандаи кишвар, эълон гардидани соли 2026 ҳамчун "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" ва истиқболи сазовор аз ҷашни бузурги миллӣ-35-солагии Истиқлоли давлатӣ ибрози ақида карда, ҳамагонро ҷиҳати тақвияти корҳои ташкилию сиёсӣ, ҷалби бештари ҷавонону занон ва таҳкими робита бо ҷомеа тавсия ва дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Вобаста ба масъалаи дигари рӯзномаи маҷлис гузориши Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ оид ба фаъолияти Гурӯҳи вакилӣ дар соли 2025 шунида шуд.

Ҳамчунин, дигар масъалаҳои рӯзномаи маҷлис баррасӣ гардида, нақшаҳои чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб барои нимсолаи якум, шарҳу тавзеҳи Паёми навбатӣ, роҳандозии корҳои ободониву созандагӣ дар доираи "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" тасдиқ гардиданд ва қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

**"Ҳамрози халқ"**

# ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТ ВА НАҚШАҲОИ ОЯНДА

**19 январ, дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик маҷлиси ҷамъбастӣ оид ба фаъолияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар соли 2025 ва муайян намудани вазифаҳо барои соли 2026 баргузор гардид.**



Дар маҷлис Абдуллозода Умеда Бекмурод, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Ҳасанзода Шералӣ Ҳасан, раиси ноҳияи Темурмалик, аъзои Кумитаи иҷроияи ноҳиявӣ, вакилон ва раисони ташкилотҳои ибтидоӣ иштирок доштанд.

Қабл аз оғози маҷлис дар даромадгоҳи Қасри фарҳанг намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва дастовардҳои варзишгарони муассисаҳои таълимӣ ба намоиш гузошта шуд. Ҳайати меҳмонон ба ҳунару маҳорати ҳунармандон ва варзишгарон баҳои арзанда доданд.

Дар рӯзномаи маҷлис гузориши раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик оид ба ҷамъбасти фаъолияти Кумитаи иҷроия дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли оянда, гузориши роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва тасдиқи нақшаи кории Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ барои соли 2026, тасдиқи нақшаи кории Кумитаи иҷроияи ноҳиявӣ барои нимсолаи якуми соли 2026, тасдиқи нақша-чорабиниҳо оид ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳандозии корҳои созандагиву ободонӣ дар соли 2026 ва масъалаҳои ҷорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Раҷабзода Маҳмадсаид, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия зимни баромад қайд намуд, ки новобаста аз камбудиҳои ҷойдошта Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб соли 2025-ро бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намуда, дар татбиқи корҳои созандагӣ, тақвияти корҳои тарғиботию ташвиқотӣ миёни аҳолӣ саҳми арзанда гузоштааст.

Музокирачӣ Қурбонова Фирӯза, раиси ташкилоти ибтидоии

***(Идома дар саҳ. 5)***

*(Идома аз саҳ. 4)*

«Навобод» оид ба фаъолияти ташкилоти ибтидой дар соли 2025 ҳисобот дода, фаъоликти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияро қаноатбахш арзёбӣ намуд.

Баъдан, ҳисоботи Айниддини Аслиддин, роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия низ шунида шуд.

Абдуллозода Умеда Бекмурод, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон вобаста ба моҳияти Паёми Пешвои миллат, ташаббусу аксияҳои ҳизбӣ ибрози андеша намуда, таъкид дошт, ки Кумитаи иҷроияи ноҳия бояд дар оянда низ фаъолияти худро пурзӯр намуда, татбиқи сиёсати давлатӣ, ҳадафҳои стратегӣ ва барномавии ҳизбро миёни аҳолӣ бозҳам густариш бахшад.

Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон вобаста ба самтҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла соҳаҳои маорифу тандурустӣ, иқтисод, зонону ҷавонон ибрози андеша карда, изҳор дошт, ки Паёмҳои ҳарсолаи Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири тамоми самтҳои фаъолияти ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад. Аз фаъолон даъват ба амал овард, ки ба хотири истиқболи шоистаи аз ҷашни бузурги миллӣ-35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар корҳои ободониву созандагӣ саҳм гузоранд.

Дар анҷом Ҳасанзода Шералӣ Ҳасан, раиси ноҳия фаъолияти Кумитаи иҷроияро дар соли 2025 назаррас арзёбӣ карда, таъкид намуд, ки фаъолони ҳизб бояд дар фаъолияти минбаъда ҳамкории наздик бо сокинон дошта бошанд, бар зидди гурӯҳҳои экстремистию ифротӣ вокунишҳои саривақтӣ нишон дода, манфиатҳои давлату миллатро аз ҳама боло гузоранд.

Ҳаминтавр доир ба масъалаҳои баррасигардида қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

# МАҶЛИСИ ҶАМЪБАСТӢ



**Дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Хуросон маҷлиси ҷамъбастии натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Хуросон дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда баргузор гардид.**

Дар маҷлис Наврӯз Ҳусейнзода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Дӯстмурод Турсунзода, муовини раиси ноҳияи Хуросон, Сиддиқзода Ғолибҷон, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, инчунин вакилон, раисони ташкилотҳои ибтидой, аъзои фаъоли ҳизб ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок намуданд. Рӯзномаи маҷлис аз 6 масъала иборат буд.

Нахуст, Сиддиқзода Ғолибҷон оид ба фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Хуросон дар соли 2025 ва вазифаҳо барои давраи минбаъда ҳисобот дод.

Сипас, Нуринисо Подшоҳзода, роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар бораи фаъолияти вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Хуросон дар соли 2025 ва тасдиқи нақшаи корӣ барои соли 2026 гузориш ироа намуд. Ҳамчунин, Ашурзода Гулбаҳор, сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Хуросон, оид ба фаъолияти ташкилоти ибтидоии «Беморхонаи марказӣ» маърӯза намуда, фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияро дар соли 2025 қаноатбахш арзёбӣ кард.

Дар идома Наврӯз Ҳусейнзода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон вобаста ба моҳияти Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматҳои шабонарӯзии Роҳбари давлат дар роҳи таҳкими сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ, инчунин тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ бо усулҳои «Деҳа ба деҳа» ва «Хона ба хона» суханронӣ намуда, таъкид кард, ки ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст бояд дар пайравӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ободию пешрафти кишвар саҳми арзандаи худро гузорад.

Дӯстмурод Турсунзода, муовини раиси ноҳия зимни баромади худ фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияро мусбат арзёбӣ намуда, аъзо ва сокинонро барои саҳмгузорӣ дар ободиву зебогии диёр ва татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат даъват кард. Зикр гардид, ки дар таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ҳар як сокини ватандӯст бояд дар рушду тараққиёти Ватан саҳмгузор бошад.

Дар фарҷом аз рӯйи масъалаҳои баррасишудаи рӯзномаи маҷлис қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

# МАҶЛИСИ ҶАМЪБАСТӢ ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ МИНБАЪДА



**Дар Қасри фарҳанги ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ маҷлиси ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия дар соли 2025 ва муайян намудани вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда баргузор гардид.**

Дар маҷлис Қосимзода Абдуқаҳҳор, корманди Маркази таҳлил ва иттилооти дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, Маҳмадализода Шукрона, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Сулаймонзода Лола, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, Қурбонзода Қурбоналӣ Муродалӣ ва Шукурзода Шаҳло, муовинони раиси ноҳия, инчунин вакилон ва раисони ташкилотҳои ибтидой иштирок намуданд.

Маҷлисро Сулаймонзода Лола, раиси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб ифтитоҳ намуда, иштирокдоронро бо рӯзномаи маҷлис шинос кард. Рӯзномаи маҷлис гузориши раиси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда, гузориши роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, тасдиқи нақшаҳои корӣ Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барои соли 2026, инчунин нақшаи чорабиниҳо вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳандозии корҳои ободониву созандагӣ дар доираи эълон гардидани соли 2026 - «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ»-ро дар бар гирифт.

Аз рӯйи масъалаи якум Сулаймонзода Лола, баромад намуда, зикр кард, ки дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати тарғиби сиёсати ҳизб, шарҳу тавзеҳи Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар, тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ҷалби аъзои нав ба сафи ҲХДТ як қатор чорабиниҳои сиёсиву иҷтимоӣ амалӣ гардидааст.

Дар музокира Исматзода Саидшо, раиси ташкилоти ибтидоии «Бахши кор бо ҷавонон» ва Толибова Малоҳат, аъзои ташкилоти ибтидоии «Маорифчиён» баромад намуда, фаъолияти Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизбро мусбат арзёбӣ карданд.

Аз рӯйи масъалаи дигар Шукурзода Шаҳло оид ба фаъолияти Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ҳисобот дода, таъкид намуд, ки фаъолияти Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда шудааст.

Ҳамчунин нақшаи чорабиниҳо вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паёми Пешвои миллат ба

*(Идома дар саҳ. 6)*

*(Идома аз саҳ. 5)*

Маҷлиси Олии мамлакат тасдиқ гардид.

Қосимзода Абдуқаҳҳор, корманди Маркази таҳлил ва иттилооти дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ зимни баромад оид ба моҳияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши ҲХДТ дар таҳкими давлатдорӣ ва дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ибрози андеша намуд.

Маҳмадализода Шукрона вобаста ба Паёми навбатии Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олии мамлакат, эълон гардидани соли 2026 –“Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва таҳвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ”, тарбияи дурусти насли наврас, пешгирӣ аз хурофоту бегонапарастӣ, ҷалби ҷавонон ба касбу ҳунаромӯзӣ ва амсоли ин ибрози ақида карда, иштирокдоронро ба татбиқи амалии дастуру супоришҳои Пешвои миллат даъват намуда, таъкид кард, ки истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бояд бо дастовардҳои меҳнатӣ сурат гирад.

Қурбонзода Қурбоналӣ, муовини раиси ноҳия Паёми Пешвои миллатро барои ҳар як сокини кишвар дастури раҳнамо арзёбӣ намуда, нақши онро дар пешрафту шукуфоии Ватан муҳим шуморид.

Дар фарҷоми маҷлис як қатор фаъолони ҳизб барои саҳми арзандаашон дар тарғибу ташвиқи ғояҳои созандаи ҲХДТ, баланд бардоштани нуфузи ҳизб дар ҷомеа ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ бо Сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ қадрдонӣ гардиданд.

Ҳамчунин, чанде аз ҷавонони фаъоли ташкилотҳои ибтидоӣ ба сафи ҲХДТ пазируфта шуда, ба онҳо шаҳодатномаҳои ҳизбӣ супорида шуд.

# ҶАМЪБАСТИ СОЛИ 2025-ЗАМИНА БАРОИ ПЕШРАФТ



**Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Сайёҳӣ”-и шаҳри Левакант таҳти раёсати Низора Олимзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр маҷлиси ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикис-тон дар шаҳри Левакант дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда баргузор гардид.**

Дар маҷлис Ширинбекзода Садриддин, мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, Муминзода Мастура Табарӣ, раиси шаҳри Левакант, Абдулвоҳидзода Дилшод, мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, фаъолон, вакилон, раисони ташкилотҳои ибтидоӣ иштирок намуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки маҷлиси ҷамъбастӣ аз 6 масъала иборат буд. Аз рӯи масъалаи якуми рӯзномаи маҷлис Низора Олимзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант оид ба фаъолияти Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб дар соли 2025 ва нақшаҳо барои давраҳои оянда баромад намуд.

Қайд гардид, ки новобаста аз пешравию камбудиҳо Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр соли 2025-ро бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намуда, дар татбиқи корҳои созандагӣ, тарғибу ташвиқи ҳадафҳои барномавии ҳизб ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми арзанда гузоштааст.

Сипас, Исмонқулова Маҳбуба, роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар бораи фаъолияти Гурӯҳи вакилӣ дар соли 2025, Ориф Тоҷиддинов, котиби ташкилоти ибтидоии “Ориёнбонк”, Саидзода Саймаҳмуд, раиси ташкилоти ибтидоии “Саёҳӣ”, Файзов Маҳмадулло, котиби ташкилоти ибтидоии “Роҳи оҳанчиён” ба музокира баромада, фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакантро қаноатбахш арзёбӣ карданд.

Баъдан, оид ба масъалаҳои баррасигардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Муминзода Мастура Табарӣ, раиси шаҳри Левакант Паёми Пешвои миллатро шарҳу тавзеҳ дода, дар бораи соҳаҳои маорифу тандурустӣ, занону ҷавонон ва амсоли ин ибрози андеша намуда, ҷиҳати таҳвияти корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ миёни сокинон, таҳлили бошукӯҳи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба фаъолон, раисони ташкилотҳои ибтидоӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Ширинбекзода Садриддин, мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ оид ба фаъолияти ҳизбӣ, баргузории аксияҳо, саҳмгузорӣ дар маъракаи обуна ба нашрияҳои ҳизбӣ, хусусан ташаббусҳои ояндасоз ибрози андеша намуда, қайд кард, ки дар баробари дигар кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант низ назаррас буда, дар сомонаи Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб ҳамарӯза хабару андешаҳо ва вокунишҳо сари вақт ҷой дода мешаванд.

Таъкид карда шуд, ки фаъолони шаҳр дар оянда низ фаъолиятро хуб ба роҳ монда, дар якҷоягӣ бо вакилон бар зидди гурӯҳҳои экстремистию ифротӣ вокунишҳои саривақтӣ нишон дода, манфиатҳои давлату миллатро дар сомона ва шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ инъикос намоянд.

Дар охир оид ба масъалаҳои баррасигардида қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

# ЁВОН. ҶАМЪБАСТИ СОЛОНА

**Дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №80-и ноҳияи Ёвон маҷлиси ҷамъбастӣ оид ба фаъолияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия барои соли 2025 ва муайян намудани вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда баргузор гардид.**



Дар маҷлис Вализода Икромиддин Сироҷиддин, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Ёвон, Абдулқаҳҳор Қосимзода, корманди шуъбаи таҳлил ва иттилооти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, Ҳусейнзода Наврӯз, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Меҳроҷи Абдулҳаким, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон, аъзои Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб, вакилон, раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва аъзои ТҶҶ «Созандагони Ватан» иштирок намуданд.

Рӯзномаи маҷлис масъалаҳои гузориши раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон оид ба ҷамъбасти фаъолияти соли 2025 ва вазифаҳо барои минбаъда, гузориши роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва тасдиқи нақшаи кории он барои соли 2026, тасдиқи нақшаи кории Кумитаи иҷроия барои нимсолаи якуми соли 2026, тасдиқи нақшаи чорабиниҳо вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025, тасдиқи нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати роҳандозии корҳои ободониву созандагӣ дар доираи эълон гардидани соли 2026 - «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва таҳвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ва баррасии масъалаҳои ҷориро дар бар гирифта буд.

Пас аз тасдиқи рӯзномаи маҷлис аз рӯйи масъалаи якум гузориши Меҳроҷи Абдулҳаким, раиси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб шунида шуд. Зикр гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади афзоиши сафи ҳизб чораҳои мушаххас андешида шуда, ҳар як корманди масъули ҳизбӣ вазифадор гардид, ки шаҳрвандони фаъолу содиқро ба узвияти ҲХДТ ҷалб намоянд. Дар натиҷа, аз моҳи январ то декабри соли 2025 шумораи аъзои ҳизб дар ноҳия ба 11 ҳазору 708 нафар расидааст, ки аз ин шумора 5 ҳазору 950

*(Идома дар саҳ. 7)*

*(Идома аз саҳ. 6)*

нафарро занон ва 4 ҳазору 981 нафарро ҷавонон ташкил медиҳанд. Дар давраи ҳисоботӣ 3 адад ташкилоти ибтидоии нави ҳизбӣ таъсис ёфта, 1 ҳазору 294 нафар ба сафи ҳизб қабул карда шуданд.

Дар музокираҳо Иззатов Субҳиддин, Расулов Ғолибҷон ва Ҳабибуллоева Низорамоҳ баромад намуда, фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвонро дар соли 2025 мусбат арзёбӣ карданд.

Раиси ноҳияи Ёвон Ализода Икромиддин Сироҷиддин натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияро қаноатбахш арзёбӣ намуда, аъзои ҳизбро ба ҷалби ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳмгузорӣ дар корҳои ободониву созандагӣ ва татбиқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват намуд.

Абдулқаҳҳор Қосимзода дар баромади худ моҳияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ ва вазифаҳои минбаъдаро шарҳ дода, фаъолияти Кумитаи иҷроияи ноҳиявиро қаноатбахш арзёбӣ кард.

Ҳусейнзода Наврӯз, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилоят зимни суханронӣ оид ба татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар доираи эълон гардидани соли 2026 - «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ», истиқболи сазовор аз 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва саҳмгузорӣ дар ташаббуси ҳизбии «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» ибрози андеша намуд.

Дар фарҷом ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи маҷлис мавриди баррасӣ қарор гирифта, қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

# КИШТИ БАРВАҚТӢ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИН

**Иқлими вилояти Хатлон ба фарқ аз дигар минтақаҳои мамлакат гармтар буда, имкониятҳои фаррохи табиӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ фароҳам мебошад. Дар ин минтақа ҳосили зироату сабзавот барвақт пухта расида, бозорҳои истеъмолӣ бо маҳсулоти тару тоза таъмин мегарданд.**



Мавриди зикр аст, ки кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва калидии рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон ба шумор рафта, ҳамасола ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва истифодаи самараноки замин тадбирҳои мушаххас амалӣ карда мешаванд.

Дар ҳамин замина, тибқи нақшаҳои тасдиқгардида дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон шудгори заминҳо ва гузаронидани кишти тирамоҳии барвақтӣ босуръат идома ёфта, деҳқонону кишоварзон бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки заминҳоро самаранок истифода намуда, ҳосили дилхоҳ ба даст оранд. Кишти тирамоҳӣ дар шароити иқлими вилояти Хатлон на танҳо имкони гирифтани ҳосили барвақтӣ, балки заминаи боэътимод барои таъмини амнияти озуқавории кишвар маҳсуб меёбад.

Маҳз меҳнати шабонарӯзии деҳқонону кишоварзон, иҷрои саривақтии корҳои агротехникӣ, истифодаи тухмиҳои хушсифату ба иқлими минтақа мутобиқ, инчунин риояи қоидаҳои илмии кишту парвариш аст, ки ҳамасола садҳо тонна маҳсулоти хушсифат истеҳсол гардида, қисме аз онҳо ба бозорҳои хориҷӣ низ содирот мешавад. Ин омил на танҳо ба беҳтар гардидани вазъи иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонӣ, балки ба таҳкими мавқеи маҳсулоти ватанӣ дар бозор мусоидат менамояд.

Ба иттилои Баҳром Собиров, сарагрономи идораи кишоварзии ноҳияи Хуросон дар ин ноҳия дар маҷмуъ 11 ҳазору 194 гектар замин мавҷуд буда, ҳар як ваҷаби он аз ҷониби саҳмдорон ва кишоварзон бо масъулияти баланд истифода мешавад. Айни ҳол дар 3 ҳазору 527 гектар замин кишти тирамоҳӣ гузаронида шудааст, ки ин нишондиҳанда аз фаъолияти муназзам ва ташкили дурусти корҳои саҳроӣ дарак медиҳад.

Ба гуфтаи номбурда, дар доираи кишти тирамоҳӣ гандуму ҷав, пиёзу сабзӣ, картошкаю карам ва дигар навъҳои сабзавот кишт гардидаанд. Деҳқонон бо такя ба таҷрибаи бисёрсола ва бо истифода аз технологияҳои муосир, инчунин бо назардошти тавсияҳои мутахассисони соҳа корҳои агротехникиро саривақт анҷом медиҳанд.

«Мо умед дорем, ки бо риояи талаботи илмӣ ва истифодаи тухмиҳои хушсифат ҳосили хуб ба даст оварда, бозори истеъмолиро бо маҳсулоти ватанӣ таъмин хоҳем кард. Айни замон шудгори заминҳо ва кишти картошка идома дорад»,-зикр намуд Баҳром Собиров. Қобили зикр аст, ки дастгирии ҳамаҷонибаи давлат ба соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар солҳои охир ба натиҷаҳои назаррас оварда расонидааст. Таваҷҷуҳи хоссаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди устувори кишоварзӣ, истифодаи самараноку оқилонаи замин, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири кишту парвариш, истифодаи тухмиҳои баландҳосили репродуксионӣ ва афзун намудани боздеҳи замин барои баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи рушди соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид карданд: «Бо вуҷуди тағйирёбии иқлим, аз ҷумла ҳарорати баланди ҳаво соли 2025 дар натиҷаи заҳмати софдилонаи кишоварзони мамлакат суръати рушди соҳаи кишоварзӣ ба 8,5 фоиз расида, фаровонии бозори истеъмолӣ таъмин карда шуд». Ин нукта бори дигар собит месозад, ки саҳми деҳқонону кишоварзон дар рушди иқтисоди миллӣ басо назаррас мебошад. Аз Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон ба нашрияи ҳизбии «Ҳамрози халқ» иттилоъ доданд, ки дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории шаҳру ноҳияҳои вилоят 8892 адад техникаи кишоварзӣ омодаи кор мебошад. Бо истифода аз ин техникаҳо дар муҳлатҳои муайян заминҳо шудгор гардида, кишти тирамоҳӣ ва барвақтии зироатҳо ба роҳ монда шудааст.

Тибқи маълумоти расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2026 бо истифода аз техникаҳои мавҷуда 220 ҳазору 619 гектар замин шудгор карда шуда, дар майдони 109 ҳазору 117 гектар замин кишти тирамоҳӣ ва барвақтӣ гузаронида шудааст. Аз ин ҳисоб, дар 94 ҳазору 308 гектар ғалладонагиҳо, 9352 гектар сабзавот, 9352 гектар пиёз, 1538 гектар сабзӣ, 670 гектар карам, 1653 гектар картошка, 2432 гектар дигар сабзавотҳо ва 3804 гектар зироатҳои хӯроки чорво кишт гардидааст. Ин нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳанд, ки кишоварзони вилояти Хатлон бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда, техникаи замонавӣ ва дастгириҳои давлату Ҳукумат барои гирифтани ҳосили фаровон ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифати ватанӣ тадбирҳои мушаххас меандешанд.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**«Ҳамрози халқ»**

# ҚАДАМИ НАВ БА СӮИ ТОҶИКИСТОНИ САБЗ



## КӮШОНИЁН

Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён ҷиҳати татбиқи Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, инчунин дар доираи эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ва ташаббуси ҳизбии «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» дар деҳаи Қаҳрамони Ҷамоати деҳоти Ориёни ноҳияи Кӯшониён маъракаи ниҳолшинонӣ баргузор гардид.

Дар ин маъракаи ниҳолшинонӣ кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кӯшониён, аъзои намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан», волонтёрони ҳизбӣ ва фаъолон бо руҳияи баланд ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ иштирок намуда, бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу суботи кишвар саҳми худро дар ҳифзи табиат гузоштанд.

Маъракаи ниҳолшинонӣ дар фазои дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва бунёдкорӣ сурат гирифта, бозгӯи таваҷҷуҳи рӯзафзуни ҷомеа ба масъалаҳои муҳити зист, рушди сабз ва зебо гардонидани маҳал маҳсуб меёбад. Шинонидани ниҳолҳо ҳамчун омили муҳими беҳдошти муҳити зист ва таъмини фазои солим барои наслҳои оянда арзёбӣ мегардад.

Иштироки фаъоли аъзои намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан» ва волонтёрони ҳизбӣ дар ин ташаббус далели равшани эҳтиром ба табиат ва дарки масъулият дар назди ҷомеа ва наслҳои оянда мебошад. Қобили зикр аст, ки чунин маъракаҳои ниҳолшинонӣ дар ҳудуди ноҳияи Кӯшониён бомаром идома дошта, сокинони заҳматқарини ноҳия ният доранд, 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дастовардҳои назаррас дар самти ободонӣ ва созандагӣ истиқбол намоянд.

# БУНЁДИ МАЙДОНЧАИ ВАРЗИШӢ

## ҚУБОДИЁН



Бо мақсади татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Маҷлиси васеи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, аз 17 июли соли 2025 ва ҳамчунин аз Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар бармеоянд, дар ташкилоти ибтидоии «Кухандиз» дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №57-и ноҳияи Қубодиён корҳои сохтмонии майдончаи варзишӣ вусъати тоза касб намудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар бунёди иншооти варзишӣ саҳми фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон назаррас буда, онҳо бо руҳияи баланди ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ дар корҳои созандагӣ фаъолона иштирок менамоянд. Тибқи нақша майдончаи варзишӣ бо тарҳи муосир бунёд гардида, дар рӯзҳои наздик ҳамчун туҳфаи арзанда ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода хоҳад шуд.

Иқдоми мазкур ҷиҳати рушди соҳаи варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни наврасону ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои машғулияти варзишӣ аҳамияти хоса дошта, ҳамзамон саҳми арзанда дар ободиву зебогии Ватани азизамон ба ҳисоб меравад. Масъулон иброз доштанд, ки минбаъд низ бо ҷалби аъзо ва ҷонибдорони фаъоли ҲХДТ корҳои созандагию бунёдкориро идома дода, дар пешрафти ҷомеа саҳми муносиби худро хоҳанд гузошт.

# САҲМИ СОКИНОН ДАР ОБОДИИ ОРОМГОҲ



## ТЕМУРМАЛИК

Дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» дар Ҷамоати шаҳраки Бахманруди ноҳияи Темурмалик ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» роҳандозӣ гардид.

Ташкили ин чорабинӣ ба истиқболи сазовори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, ҳадафи асосии он саҳмгузорӣ дар ободонии маҳал, тозаву озода нигоҳ доштани муҳити зист ва боланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ мебошад. Дар чорабинӣ фаъолон, аъзову ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, соҳибкорони ватандӯст ва сокинони маҳаллаи №2 иштироки фаъолона намуда, бо руҳияи баланди ватандӯстӣ дар корҳои ободонӣ саҳм гузоштанд.

Иштирокчиён гирду атроф ва дохили оромгоҳро тоза намуда, ҳамзамон дарахтони сояафкану ороишӣ шинониданд, ки барои беҳдошти муҳити зист ва зебоии маҳал мусоидат менамояд. Ин гуна ташаббусҳо дар таҳкими ҳамбастагии ҷомеа ва тарбияи насли ҷавон дар руҳияи созандагиву меҳнатдӯстӣ нақши муҳим доранд.

Сокинони маҳал изҳор доштанд, ки дар оянда низ корҳои ободониву созандагиро идома дода, бо мақсади беҳтар намудани оромгоҳ роҳу роҳравҳои онро васеъ намуда, бетонпӯш хоҳанд кард.

# СОХТМОНИ БУНГОҲИ ТИББӢ

## ҶАЙҲУН

Дар доираи эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ», ҳамчунин татбиқи ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Махтумқулии Ҷамоати деҳоти Истиқлоли ноҳияи Ҷайҳун сохтмони бунгоҳи тиббӣ оғоз гардид.

Оғози сохтмони бунгоҳи тиббӣ бо дастгирии фаъолон, соҳибкорон, шахсони хайрхоҳ ва сокинони деҳа сурат гирифта, онҳо бо ифтихор изҳор доштанд, ки дар татбиқи ин иқдоми созанда саҳми бевосита мегузоранд ва онро қарзи шаҳрвандии худ медонанд. Таъкид гардид, ки бунёди иншоот на танҳо барои беҳтар гардидани хизматрасонии тиббӣ, балки барои фароҳам овардани шароити хуби саломатӣ ва осоиши сокинон аҳамияти муҳим дорад.

Мавриди зикр аст, ки чунин ташаббусҳо дар рушди инфрасохтори маҳаллӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ нақши муассир доранд. Сокинон изҳор доштанд, ки дар оянда низ барои ободонӣ ва пешрафти деҳа бо иштироки фаъолона дар корҳои созандагӣ саҳм мегузоранд.

# ТАЪЗИЯ

**Раёсати Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба Хонзода Абдураҳмон, роҳбари Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ нисбати даргузашти МОДАРАШОН изҳори ҳамдардӣ баён намуда, ба наздикону пайвандони марҳум сабри ҷамил мехоҳад.**

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриётии «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.

